**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА–004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**734025, *ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.***

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Обидзода Умед Фозил дар мавзуи «Ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ дар ҷаҳон», ки барои дарёфти доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсия таҳлили ҳамаҷонибаи динамикаи ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити тағйироти глобалӣ ва минтақавӣ мебошад. Кор ҷанбаҳои муҳими ҳамкории дуҷонибаро тавассути муайян кардани омилҳои калидӣ, ки ба рушди ин муносибатҳо таъсир мерасонад ва роҳҳои имконпазири таҳкими минбаъдаи онҳоро дар бар мегирад.

Таҳқиқот дар соҳаи муҳим ва серталаб гузаронида шудааст, зеро ҳамкории Тоҷикистону Хитой, бахусус дар заминаи татбиқи ташаббуси "Як камарбанд, як роҳ" барои иқтисоди Осиёи Марказӣ торафт пурмазмунтар мегардад. Дар автореферат ба нақши Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамчун шарики стратегии Тоҷикистон, инчунин таъсири сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Халқии Хитой ба кишварҳои минтақа дарҷ карда шудааст. Таҳқиқоти мазкур саҳми арзишманд дар фаҳмиши илмии равандҳои иқтисодии дар Осиёи Марказӣ рухдода мебошад ва вазъи кунунӣ ва дурнамои ин ҳамкориро хуб инъикос мекунад.

Муаллиф на танҳо бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, балки инчунин заминаи сиёсӣ, ҷанбаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳамкорӣ ва таъсири тамоюлҳои геоиқтисодии ҷаҳонро ба назар гирифтааст. Ба таҳқиқи самтҳо, аз қабили савдо, сармоягузорӣ, лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва энергетика диққати махсус дода шудааст, ки ба фаҳмиши ҳамаҷонибаи механизмҳои ҳамкории ду кишвар мусоидат хоҳад кард. Автореферати тақризшаванда паҳлуҳои мубрам, назариявӣ ва амалаии масъалаи мазкурро пурра фарогир мебошад.

Методологияи тадқиқот сазовори баҳои баланд аст. Истифодаи усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ имкон медиҳанд, ки хулосаҳои амиқи бо маълумоти воқеӣ ва нишондиҳандаҳои оморӣ асосёфта ба даст оварда шавад. Муаллиф аз доираи васеи манбаъҳо, аз ҷумла таҳқиқоти байналмилалӣ ва омори расмӣ самаранок истифода бурдааст, ки ба кор арзиши назарраси илмӣ медиҳад. Ҳамчунин, ба назар мерасад, ки муаллиф аз осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ пурра истифода намудааст ва ҷанбаҳои асосии онҳо огоҳ мебошад. Мазмун ва моҳияти автореферат маълум менамояд, ки дар диссертатсия ба масъалаи ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст, ки онро метавонем яке аз дастовардҳои асосии муаллиф баҳогузорӣ намоем. Зеро ҳакорҳои густруда ва самараноки иқтисодиву тиҷоратӣ барои рушди бемайлони иқтисоди миллӣ заминаи муносибро фароҳам оварда, имокниятҳои таҳриёбиро миёни кишварҳои Тоҷикистон ва Хитой бештар мегардонад. Дар автореферат самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ мушаххасан таҳлил гардида, механизми тақвияти он тавсия шудааст, ки метавонад заминаи рушдро дар оянда таъмин намояд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан мумкин аст, ки автореферати тақризшаванда тибқи муқаррароти мавҷуда таҳия гардидааст ва он фарогири нуктаҳои асосӣ ва муҳими диссертатсия мебошад. Дар автореферат новобаста ба ҷиҳатҳои мусбӣ, баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд, аз ҷумла:

1. Муаллиф, дар диаграммаи 2, Таносуби молҳои воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитойро нишон додааст, вале маълум насохтааст, ки кадом молҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ворид месозад;

2. Агар муаллиф зимни таҳқиқот дар ҷадвали алоҳида ҷалби қарзҳои хориҷиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитойро бо нишон додани самтҳои сафарбаркунии онҳо мавриди таҳлил қарор дода, дар асоси он натиҷаҳои ба дастомадаро  нишон медод, сифати автореферат хубтар мегардид.

Дар маҷмуъ, норасоиҳое, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати автореферати тақризшаванда таъсири манфӣ расонида наметавонанд ва ин норасоиҳоро муаллиф метавонад, ҷиҳати таҳқиқи амиқи масъалаи баррасишаванда дар пажӯҳишҳои минбаъда ба инобат гирад.

Умуман, қайд намудан мумкин аст, ки автореферати барои тақриз пешниҳодгардида ба талабот ва муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Русияву Тоҷикистон **Иброҳимзода И.Р.**

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ»

15. 12. 2025